*УДК 930*
*DOI 10.24412/2413-2004-2023-3-26-34*

***МУТОБИҚШАВӢ ВА ДАСТОВАРДҲОИ МАРДУМИ НОҲИЯИ МАСТЧОҲ ДАР СОҲАИ ПАХТАКОРӢ (СОЛҲОИ 50-60-УМИ ҚАРНИ XX)***

***Холова Фахринисо Фатҳуллоевна**, омӯзгори калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ-иҷтимоии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон; **Абдуллоев Икром Рабиевич**, н.и.т., дотсент, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ-иҷтимоии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон (Бӯстон, Тоҷикистон)*

***АДАПТАЦИЯ И ДОСТИЖЕНИЯ НАСЕЛЕНИЯ МАТЧИНСКОГО РАЙОНА В СФЕРЕ ХЛОПКОВОДСТВА (50-60-е годы XX века)***

***Холова Фахринисо Фатхуллоевна,** ст. преподаватель каф. социально-гуманитарных дисциплин Горно-металлургического института Таджикистана; **Абдуллоев Икром Рабиевич**, канд. истор. наук, доцент, завкафедрой социально-гуманитарных дисциплин Горно-металлургического института Таджикистана (Бустон, Таджикистан)*

***ADAPTATION AND ACHIEVEMENTS OF THE POPULATION OF MASTCHOH DISTRICT IN THE SPHERE OF COTTON GROWING (50-60S OF THE XX CENTURY)***

***Kholova Fakhriniso Fathulloevna**, senior teacher of Department of Social and Humanitarian Disciplines of the Mining-Metallurgical Institute of Tajikistan; **Abdulloev Ikrom Rabievih**, Candidate of Historical Sciences, the Head of the Department of Social and Humanitarian Disciplines, Mining-metallurgical Institute of Tajikistan (Buston, Tajikistan)*
***e-mail:** ikromabdulloev@mail.ru*

*Бо мақсади рушди соҳаи пахтакорӣ дар Тоҷикистон ба заминҳои дашти Дилварзин муҳоҷиршавии мардуми Кӯҳистони Мастчоҳ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст. Қарори анҷумани XX Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ (соли 1956) “Дар соҳаи хоҷагии кишоварзӣ инкишоф додани соҳаи пахтакорӣ ва махсусан, навъи пахтаи маҳиннах” дар назди роҳбарони ҷумҳурӣ ба ин масъала ба таври ҷиддӣ назар карданро мегузорад. Масъалаҳои зерини амалӣ гардонидани тадбирҳои аграрӣ дар Мастчоҳи нав ба риштаи омӯзиш ва таҳлил кашида шудаанд: душвориҳои аз худ кардани заминҳои нав, мутобиқшавӣ ва навсозии ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи кишоварзӣ, афзудани даромаднокӣ ва омилҳои муҳими ҳавасмандкунии моддии деҳқонон. Яке аз хусусиятҳои хоси муҳоҷиркунии мардуми Кӯҳистони Мастчоҳ нисбат ба минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ, дар он буд, ки ноҳияи бутун бо тамоми хоҷагӣ ва ҳатто номҳои ҷуғрофиашон ба заминҳои нав кӯчонида шуданд. Колхозҳои навтаъсисёфтаро бо ҳамон тартибе, ки дар Кӯҳистони Мастчоҳ ҷойгир буданд, дар ноҳияи нав низ бо деҳаҳояш ҷо ба ҷо намуданд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар натиҷаи ба дашти Дилварзин муҳоҷир кардани деҳқонони меҳнаткаши Кӯҳистони Мастчоҳ дар муддати начандон тӯлонӣ заминҳои зиёди бекорхобида азхуд карда шуда, дар ҳаёти иқтисодӣ ва маданӣ-маишии онҳо дигаргуниҳои чашмрас ба вуқӯъ пайвастанд. Ба душвориҳои маҳалли ҷуғрофӣ ва маданиву маишӣ нигоҳ накарда, онҳо баҳри минбаъд ривоҷу равнақи соҳаи кишоварзӣ ва пеш аз ҳама, соҳаи дар он вақт сердаромади пахтакорӣ саҳми арзандаи худро гузоштанд.*

***Калидвожаҳо:** заминҳои бекорхобида, муҳоҷиргардонӣ, ноҳияи Мастчоҳ, пахтакорӣ, дашти Дилварзин, ташкилотҳои давлатӣ ва ҳизбӣ, фаъолияти меҳнатӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ, корҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ*

*Рассмотрено переселение жителей Горноматчинского района в Дильварзинскую степь с целью развития хлопководческой отрасли в Таджикистане. Постановление XX съезда КПСС (1956 г.) «О развитии хлопководства в сельском хозяйстве, особенно тонковолокнистых сортов» вынудило руководителей республики серьезно задуматься над решением этого вопроса. Проанализированы: реализация аграрных преобразований в новом Матчинском районе, проблемы и трудности в освоении новых земель, адаптация населения и формирование нового экономического и социального уклада жизни, подготовка высококвалифицированных кадров в сфере сельского хозяйства, повышение доходов и другие важные факторы финансового стимулирования дехкан. Одна из особенностей переселения жителей Горноматчинского района по сравнению с другими районами республики заключалась в том, что все население района было переселено на новые земли со своими хозяйствами и даже с географическими названиями. В новом районе жители джамоатов были поселены, как в Горноматчинском районе. Анализ показал, что в результате переселения жителей Горноматчинского района в Дильварзинскую степь за короткий период было освоено множество неосвоенных земель, произошли значительные изменения в их хозяйственной и культурной жизни. Несмотря на географические, культурные и бытовые трудности, переселение внесло большой вклад в дальнейшее развитие аграрного сектора, и прежде всего хлопководческой отрасли как одной из высокодоходных отраслей того времени.*

**Ключевые слова:** *неосвоенные земли, Горноматчинский район, хлопководство, Дильварзинская степь, государственные и партийные органы, трудовая деятельность, сельское хозяйство, ирригационные и мелиоративные работы*

*The article reviews and analyzes the issues of resettlement of residents of Kuhistoni Mastchoh (Mastchoh highlands) district to Dilvarzin steppe in order to develop the cotton growing industry in Tajikistan. The resolution of the 20th Congress of the CPSU (1956) "On the development of cotton growing in agriculture, especially fine-fiber varieties" forced the leaders of our republic to seriously think about resolving this issue. The following issues of carrying out agrarian reforms in the new Mastchoh district were studied and analyzed: problems and difficulties of developing new lands, adaptation of population and formation of a new economic and social way of life, training of highly qualified personnel in the field of agriculture, increasing incomes and other important factors of financial incentives for farmers. One of the features of resettlement of residents of Kuhistoni Mastchoh district in comparison with other regions of the republic was that the entire population of the region was resettled to new lands with their own economy and even geographical names. In the new district, newly created collective farms and residents of jamoats were settled in the same way as in Kuhistoni Mastchoh district. The study showed that as a result of the resettlement of residents of Kuhistoni Mastchoh district to Dilvarzin steppe, in a short period of time, many undeveloped lands were developed, and significant changes occurred in their economic and cultural life. Despite geographical, cultural and everyday difficulties, they made a great contribution to the further development of agricultural sector and, above all, the cotton growing industry, one of the highly profitable industries of that time.*

**Keywords:** *undeveloped lands, migration, Matchinsky district, cotton growing, Dilvarzinskaya steppe, state and party body, labor activity, agriculture, irrigation and reclamation work*

Пас аз хотимаёбии Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо мақсади рушди соҳаи пахтакорӣ, аз охири солҳои 40-уми асри XX сар карда, раванди муҳоҷирати дохилиҷумҳуриявӣ оғоз гардид. Аз ҷумла, аз ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон кӯчонидани аҳолии манотиқи камзамини кӯҳистон ба заминҳои азхудшавандаи водии Вахш ва дашти Дилварзину Зафаробод иҷозат дода шуд.

КМ ҲК Тоҷикистон ва Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ қарорҳои анҷумани XX Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла, “Дар соҳаи хоҷагии кишоварзӣ вазифаи аз ҳама муҳимтарин ва аввалиндараҷа минбаъд ҳамаҷониба инкишоф додани пахтакорӣ ва махсусан навъи аз ҳама аълосифати он, яъне пахтаи маҳиннах” [1, с. 5] – ро таҳлил намуда, барои васеъ намудани заминҳои ин навъи пахта ба масъулини соҳа вазифаҳои мушаххас ва супоришҳои қатъӣ гузошт.

Чунин вазифагузориҳо кормандони соҳаи кишоварзиро водор менамуд, ки ба ин масъала ба таври ҷиддӣ назар карда, оид ба ҷараёни минбаъдаи афзоиш ва механикикунонӣ муҳокимаронӣ намуда, роҳҳои ҳалли онро муайян созанд.

Ҳамзамон дар ин давра барои пайваста назорат намудани бахшҳои мухталифи хоҷагии қишлоқ, ошкор намудани камбудиҳои ҷойдошта ва ислоҳи он, дар маҳалҳо комиссияҳои махсус созмон дода шуда буд. Ба ҳайати комиссия намояндагони комиҷроияи ноҳиявӣ, шӯроҳои деҳот, бонки хоҷагии кишоварзӣ ва ташкилотҳои муҳоҷиргардонӣ дохил мешуданд. Баъди ошкоршавии камбудиҳои ҷойдошта, барои рафъи он чораҳои фаврӣ андешида, натиҷаҳои тафтиш дар маҷлиси раёсати колхозҳо ва кумитаҳои иҷроияи ноҳиявӣ мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор гирифта, гунаҳкоронро ба ҷавобгарии маъмурӣ мунзар месохтанд.

Минбаъд, дар асоси Указй Президуми Совети Олии РСС Тоҷикистон “Дар бораи ба дигар ҷо кӯчонидани райёни Мастчоҳи вилояти Ленинобод” аз 26 ноябри соли 1956 кӯчонидани аҳолии ноҳияи мазкур дар асоси ихтиёрӣ бо нияти рушди соҳаи пахтакорӣ ба дашти Дилварзин оғоз шуд.

Дар нимаи дуюми солҳои 50-ум бо мақсади минбаъд баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёту маданияти колхозу колхозчиёни ин ноҳияи баландкӯҳ, КМ ҲК Тоҷикистон ва Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ меҳнаткашони Мастчоҳро даъват карданд, ки ба заминҳои дашти Дилварзин муҳоҷир шаванд. Қисми зиёди меҳнаткашони ноҳия ин даъвати ҳизбу Ҳукумати Тоҷикистонро пурра дастгирӣ намуданд.

Яке аз хусусиятҳои муҳоҷиркунии солҳои 50-ум нисбат ба солҳои пешина, дар он буд, ки ноҳияҳои бутун бо тамоми хоҷагӣ ва ҳатто номҳои ҷуғрофиашон ба заминҳои нав кӯчонида мешуданд. Баъди ба анҷом расонидани як қисми корҳои муҳоҷиркунӣ комиҷроияи шӯрои депутатҳои меҳнаткашон ва бюрои ҳизбии вилояти Ленинобод (ҳозира Суғд) колхозҳои навтаъсисёфтаро бо ҳамон тартибе, ки дар Кӯҳистони Мастчоҳ ҷойгир буданд дар ноҳияи нав низ бо деҳаҳояш ҷо ба ҷо намуданд.

Дар натиҷаи ёрии ҳамаҷонибаи ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ дар дашти Дилварзин иншоотҳои ирригатсионӣ бунёд гардиданд, ки ба онҳо коргоҳҳои обкашии Дилварзин ва Янтоқ-1 дохил мешуданд. Самараи корҳои ташкилотчигӣ ва босамари сохтмониву пайвастсозӣ дар иншооти бузурги ирригатсионӣ буд, ки “Сохтмони стансияи обии якуми Дилварзин дар аввали соли 1958, стансияи обии якуми Янтоқ соли 1959 ва стансияи обии дуюми Янтоқ соли 1960 ба анҷом расонида шуд” [2, с. 819].

Ба истифода дода шудани ин иншоотҳои ирригатсионӣ ба канали “Тоҷикистони Советӣ” имконият доданд, ки 13 ҳазор гектар заминҳои нав ва бекорхобида обёрӣ карда шаванд ва ба афзудани заминҳои кишти пахта мусоидат намоянд.

Баҳори соли 1957 аввалин бор дар заминҳои навкорами дашти Дилварзин кишти пахта оғоз ёфт. Меҳнаткашони ноҳияи навбунёди Мастчоҳ душвориҳои аз худ кардани заминҳои навро дар шароити номусоидии обу ҳаво бо сарбаландӣ бартараф карда, дар соли аввали кору пайкор ҳосили баланди истеҳсоли пахтаро ба даст оварданд.

Меҳнаткашони ноҳияи Мастчоҳ барои сазовор пешвоз гирифтани 40-солагии Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр ва ба даст овардани комёбиҳои калони меҳнатӣ пурсамар

меҳнат намуданд. Дар натиҷа, колхозҳои ноҳия “...аз ҳар гектари майдони умумӣ ба ҳисоби миёна 19,3 сентнерӣ пахта гирифта, 28 октябри соли ҷорӣ плани давлатии пахтасупориро барзиёд иҷро намуданд” [3].

Колхозчиёни шӯҳратманди ноҳия, ба камтаҷрибагиашон нигоҳ накарда, меҳнати фидокоронаи худро идома дода, нақшаи солонаи ба давлат фурӯхтани пахтаро 142,4 % ва ӯҳдадории иловагиро 108, 2% иҷро карданд. Аз ҳар як гектари майдони кишт ба ҳисоби миёна 25,2 сентнерӣ ҳосили пахта гирифтанд, ки ин комёбӣ дар он вақта шароити заминҳои навкорам ва бекорхобида нишондиҳандаи баланд буд.

Ин муваффақияти калон натиҷаи меҳнати шуҷоатмандонаи колхозчиён, механизаторон ва мутахассисони хоҷагии қишлоқ, коркунони ташкилотҳои партиявию советӣ ва комсомолии ноҳия ба ҳисоб рафта, дар натиҷа то як андоза иқтисодиёти колхозу совхозҳо ва дараҷаи некӯаҳволии халқ афзуд.

Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон, Совети Вазирони РСС Тоҷикистон бо қаноатмандии калон қайд намуда буд, ки “колхозчиёну колхозчизанон ва комсомолони ноҳияи Мастчоҳ 5 декабри соли ҷорӣ нақшаи худро сарбаландона иҷро намуда, аз ҳар гектар заминҳои навкорам 25,2 сентнерӣ ҳосили пахтаро рӯёниданд. Колхозҳои ба номи Энгелс аз ҳар гектар 34,2 сентнерӣ, ба номи Сталин – 29,8 сентнерӣ, ба номи Жданов – 29,7 сентнерӣ, ба номи Куйбишев – 27,7 сентнерӣ ва ба номи Карл Маркс – 27,2 сентнерӣ” пахта супурда, ӯҳдадории сотсиалистии ба зиммагирифтаи худро пеш аз мӯҳлат бо муваффақият иҷро намуданд.

Меҳнаткашони Мастчоҳ дар соли аввали пахтакориашон ба ҷои 5200 тонна, 8343 тонна “тиллои сафед” истеҳсол намуда, дар ҷадвали пахтасупории ҷумҳурӣ ба ҷои аввал баромаданд.

Дар ноҳия дар муддати кӯтоҳ колхозҳои пешқадам аз худ хабар дода, аз заминҳои нав ҳосили баланди пахтаро соҳиб гардиданд. Аз ҷумла, соли 1957 дар колхози ба номи Энгелс (раисаш Сафар Сангинов) ба ҳисоби миёна “аз ҳар як гектар замин 34,2 сентнерӣ ҳосили пахта рӯёнида шуд. Бригадаи Раҳим Мирзоев бошад, ин нишондодро ба 41,2 сентнерӣ расонид” [4].

Дар ҳақиқат, диловарони заминҳои навкорами колхози ба номи Энгелс ба муносибати 40-умин солгарди Инқилоби Октябр мусобиқаи меҳнатиро вусъат дода, ҳанӯз охири моҳи сентябри соли 1957 аз ҳар як гектар замини кишти пахта 25 сентнерӣ пахтаи аълосифат ба даст оварда, ӯҳдадории ба зимма гирифтаи худро оиди ба давлат фурӯхтани пахта 101,5 % иҷро карданд.

О. Қурбонов дар рӯзномаи Тоҷикистони Советӣ натиҷаи дастоварди ин хоҷагиро то охири моҳи октябр чунин овардааст: “Колхоз то ин дам аз ҳар гектар 31 сентнерӣ ҳосил ғундошта, ба давлат супурд ва ӯҳдадории пахтасупориро 117 протсент иҷро намуд” [3].

Фаъолияти меҳнатии муҳоҷирони мастчоҳӣ дар шароити нав пайваста авҷ мегирифт. Ба навиштаи Мирзо Шукурзода: “Ҳуҷум ба дашти синабирёни Дилварзин, ки ба қавли мардум дар заминаш аз ягон барги сабз осоре набуду, дар фазояш парандагон ёрои парвоз карданро надоштанд, идома меёфт. Кӯҳистониёни далер бо нерӯи рустамонаи худ ба хористон ҷони тоза бахшиданд” [5, с. 63].

Инкишофи минбаъдаи ҳамаи соҳаҳои хоҷагии кишоварзӣ ва махсусан соҳаи пахтакорӣ баҳри афзудани даромади умумии колхозҳо имконияти калон фароҳам овард. Дар зарфи солҳои 50-ум якчанд чорабиниҳои муҳим оид ба ҳавасмандкунии моддии меҳнаткашони деҳот андешида шуданд.

Гузаштан ба пардохти музди пулии рӯзи меҳнат омили муҳими ҳавасмандкунии моддии деҳқонон ба ҳисоб мерафт. Шакли нақди бо пул додани музди меҳнат аз ниммаи дувуми солҳои 50-ум оғоз мешавад. Ин навоварии иҷтимоӣ, сабаби ба таври ҷиддӣ

ҳавасманд гардидан ва баланд шудани қобилияти меҳнатии деҳотиён ва ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ гардид.

Соли 1959 даромади умумии колхозҳои ноҳияи Мастчоҳ 70 миллионро ташкил карда, арзиши рӯзи корӣ 13 сӯмро ташкил медод. Арзиши як рӯзи кории колхозчиёни ба номи Сталин ва Орҷоникидзе дар соли 1958 зиёда аз 20 сӯмро ташкил мекард [1, с. 283].

Фотеҳони Дилварзин заминҳои асрҳои аср бекорхобидаву ташналабро бо душвориҳои касношунав азхуд карда, соҳиби даромадҳои калон мегардиданд. Масъалан, дар колхози Жданов танҳо дар муддати як сол даромади хоҷагӣ аз 594 ҳазор сӯми то муҳоҷират ба 4 миллион расонида шуд. Ин рақам шаҳодати он аст, ки даромади иқтисодии ин хоҷагӣ дар он муддат зиёда аз 7 маротиба зиёд гардид ва дар асоси он додани музди рӯзи меҳнати колхозчиён 5 маротиба афзуд.

Колхозчиёни колхози Жданов аз ҳар як рӯзи кории худ 15 сӯмӣ пул гирифтанд, ки ин маблағ дар он солҳо барои деҳотиён нишондиҳандаи баланд ҳисобида мешуд. Баъзе пешқадамони истеҳсолот, аз ҷумла, М. Одинаев, Н. Ҳотамов ва дигарон дар як сол ба ғайр аз ғалладона аз 17 то 33 ҳазор сӯмӣ музди меҳнат гирифтанд.

Колхозҳои фотеҳони заминҳои наву бекорхобида дар муддати нисбатан кӯтоҳ, аз хоҷагиҳои аз лиҳози иқтисодӣ ақибмонда ба хоҷагиҳои пешқадам мубаддал гаштанд. Ҳамаи ин ба раванди пайдо шудани имконияти иқтисодӣ ва ба дашти Дилварзин кӯчонидани колхозу хоҷагиҳои боқимондаи Мастчоҳи кӯҳӣ мусоидат намуд.

Лозим ба қайд аст, ки дар раванди азхудкунӣ ва навсозии ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии деҳотиёни дашти Дилварзин мушкилиҳои дигаре, аз қабили нарасидани агроному муҳосиб, кадрҳои баландихтисоси муҳандисӣ-техникӣ ва камбудии маблағ эҳсос карда мешуд. Ба хотири рафъи ин мушкилот, бо мақсади аз ҷиҳати техникӣ таъмин кардани корҳои хоҷагии кишоварзӣ, ба тартиб даровардани фаъолияти стансияҳои мошину тракторӣ (минбаъд, СМТ) ва сари вақт бо кадрҳои роҳбарӣ ва механизаторӣ таъмин намудани колхозу савхозҳо Комитети Марказии Ҳизби коммунист ва Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон дар назди ташкилотҳои дахлдор вазифаҳои мушаххас мегузошт. Дар натиҷаи андешидани чорабиниҳои зарурию саривақтӣ “хизматрасонии СМТ ба хоҷагиҳо қариб 2 маротиба зиёд гардида, ҳаҷми корҳои саҳроии анҷомдодаи онҳо дар колхозҳо 2,6 маротиба афзуд” [6].

Ҳамзамон, барои вусъат додани корҳои азнавсозӣ, дар шаҳри Душанбе мактаби дусолаи тайёр кардани кадрҳои роҳбарикунандаи хоҷагии кишоварзӣ фаъолияти худро оғоз намуд ва дар назди он “курсҳои доимоамалкунанда оид ба баланд бардоштани ихтисоси раисони колхозҳо ба роҳ монда шуд. Бори нахуст ба ин мактаб 150 ва ба курси шашмоҳа 50 нафар довталабон қабул карда шуданд” [7, с. 238].

Баъди хатми ин курсҳои кӯтоҳмуддат нафаронеро, ки соҳиби лаёқату истеъдоди ташкилотчигӣ доштанд ва дар ҳама ҷабҳаҳо фаъолият нишон медоданд, ба колхозу совхозҳои навтаъсис, ки аз ҷиҳати ташкили хоҷагӣ дар заминҳои нав ба кадрҳои баландихтисос ниёз доштанд, роҳхат гирифтанд.

Дар солҳои 50-ум барои омодасозии кадрҳои роҳбарикунандаи соҳаҳои ҳаётан муҳим, дар макотиби олӣ ва миёнаи махсуси кишвар корҳои зиёде ба анҷом расонида шуданд. Ба ҳисобе, соли 1956 дар ҷумҳурӣ “...1860 агроном, зоотехник, муҳандиси СМТ дар колхозҳо ба кор оғоз намуда буданд, ки аз ин ҳисоб 418 нафар соҳиби маълумоти олӣ ва 710 нафар маълумоти миёнаи махсус доштанд” [8, с. 143].

Ин раванди тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи кишоварзӣ ба ноҳияи навбунёди Мастчоҳ низ нафъи худро расонида, ҳамасола кадрҳои заруриашро тарбия менамуд. Кумитаи ҳизбиву комиҷроияи ноҳияи Мастчоҳи нав дар интихоб ва ҷо ба ҷо

гузории кадрҳо, махсусан механизаторон, ки азхудкунии заминҳои нав ва минбаъд инкишофи соҳаҳои мухталифи хоҷагии кишоварзӣ ба онҳо вобастагии зиёд дошт, аҳамияти доимӣ медоданд.

Дар натиҷаи чунин ғамхориҳою чорабиниҳои мақомоти ҳизбию давлатӣ соли 1957 “60 нафар фотеҳони заминҳо, омӯзишгоҳҳои соҳаҳои хоҷагии кишоварзии Ӯротеппаву Конибодомро бо сарбаландӣ хатм карда, дар истеҳсолот машғули кор шуданд. Ба туфайли онҳо дар ҳамин сол, аллакай дар ноҳияи Мастчоҳи навбунёд 2 СМТ ташкил карда шуд, ки онҳо ба 12 колхозҳо хизмат мерасониданд”. Худи ҳамон сол «аввалин механизаторон аз қабили Ф. Абдураҳмонов, Э. Эшбоев, Н. Азаматов ва Т. Давлатов паси чамбараки тракторҳо нишаста, ба кишти пахта оғоз намуданд» [9].

Стансияи мошину тракторҳои навтаъсис бо трактору булдозерҳо, экскватору култиваторҳо таъмин карда шуда, дар солҳои аввали фаъолият, аллакай майдони 1150 гектар заминҳои навкорам ва бекорхобидаро тахту ҳамвор намуда, кишти пахтаро ба роҳ монданд.

Дар ин самт бригадаи трактории Г. Охундова, С. Сатуников, В. Чибатрев ва механизаторон Н. Абдуллоев, Ш. Ҳасанов, А. Ҳамроев фаъолияти пурсамари худро ба роҳ монда, меъёри ҳаррӯзаи кории худро 150-200% иҷро менамуданд.

Дар он солҳо, дар тамоми колхозҳои Мастчоҳи нав бригадаҳои тракторӣ-обмонӣ ташкил карда шуда, ба онҳо заминҳои кишт, техника ва миқдори муайяни кадрҳо вобаста гардиданд [10].

Колхозчиёни муҳоҷиргардидаи собиқ ноҳияи кӯҳии Мастчоҳ дар ихтиёри худ техникаи пуриқтидори хоҷагии кишоварзӣ дошта, аз меҳнати ниҳоят сангини дастӣ озод гардиданд. Дар охири солҳои 50-ум қариб 80% ҳамаи коркарди пахтакорӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии кишоварзӣ бо техникаи замонавӣ таъмин гардид.

Колхозу совхозҳо дар натиҷаи тараққиёти илму техника рӯз аз рӯз вусъат ёфта, ба кадрҳои механизаториву муҳандисӣ талаботашон зиёд мегашт. Аз ин рӯ, ин вазъ мақомоти болоиро водор менамуд, ки дар ин самт таъҷилан чораҳои зарурӣ биандешанд.

Бинобар ин, пеш аз ҳама ба тайёр намудани кадрҳои механизаторӣ диққати бевосита дода шуд ва дар ин самт нақши бевоситаи омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникии шаҳрҳои Конибодому Ӯротеппа хеле назаррас гардиданд. Умуман, “дар тӯли солҳои 1956-1958 ба воситаи СМТ, стансияҳои таъмири тракторҳо (СТТ) ва омӯзишгоҳҳои механизатории Ӯротеппаву Конибодом барои ноҳияи навбунёди Мастчоҳ 365 механизаторон” [11, с. 39] омода гардиданд.

Дар натиҷаи чунин чораандешиҳо ҳаҷми истеҳсоли пахта ва ҳосилнокии он сол то сол зиёд ва майдони кишти он васеъ карда мешуд. Аммо барои чидани пахта қувваи корӣ кифоя набуд, аз ин рӯ, зарурате пеш омад, ки бояд ҳосили рӯёндашударо бо мошинҳои пахтачинӣ ҷамоварӣ намоянд. Ҳарчанд колхозчиён, сардорони бригадаҳо, ҳатто мутахассисону раисони колхозҳо дар зоҳир ба чидани пахта бо мошинҳо розӣ буданд, аммо дар амал бо ҳар роҳу восита барои амалӣ шудани он монеъгӣ менамуданд. Ҳолатҳое мешуд, ки он қитъаҳое, ки барои чидани мошин ҷудо шуда буданд, шабона, дастӣ мечинониданд ва ё об мемонданд.

Сабаби чунин муносибат аз он иборат буд, ки гуё дар хаёли онҳо, чидани пахта бо мошинҳо боиси талаф ва паст гардидани сифати он мегардад. Аммо ба ҳамаи ин нобоварию норозигҳо нигоҳ накарда, баъди он, ки 3-4 мошин дар як бригада ба чидани пахта сар мекард, дар панҷ рӯз плани ин бригада иҷро мешуд ва ин омил боиси он гардид, ки 50% ҳосилро бо воситаи мошинҳо чинанд. Дар натиҷа “Ноҳияи Мастчоҳ дар миқёси ҷумҳурӣ ҳамчун пионери механизатсия, оид ба чидани мошинии пахта машҳур гардида,

дар матбуоти даврии ҷумҳуриявию ноҳиявӣ зери сарлавҳаи «Пионери механизатсия» мақолаҳо чоп мегардиданд” [12].

Дар соли 1959 ноҳия ба давлат 12,262 тонна «тиллои сафед» супорид, ки ин назар ба ҳамин давраи соли 1958 1850 тонна зиёд буд.

Баъди чунин пешравиҳо бригадирҳо афзалияти мошини пахтачиниро дида барои саривақт ва беталаф ҷамъоварӣ намудани пахта ҳамасола аз ин навъи техникаи замонавӣ самаранок истифода мебурданд. Агар раваду ба ахтазори бригада дертар мошини пахтачинӣ дарояд, дарҳол ба роҳбарияти ноҳия аз ҷониби сардорони бригадаҳо арзу шикоятҳо ворид мегардиданд. Дар маҷмӯъ ба роҳ мондани чиниши мошинии пахта дар ноҳияи Мастчоҳ барои ҷамъоварӣ намудани пахта то шохаи охирин мусоидат намуда, ғунучини ғӯзапояро тезонид ва шудгори тирамоҳиро дар тамоми майдонҳои ноҳия дар вақташ таъмин намуд.

Мардуми Масчоҳ бо механик-ронандагони номвару боҳунари худ депутати Совети Олии республика Ҳоҷӣ Қозиев, Лауреати мукофоти ба номи нахустин тракторчизани мамлакат Паша Ангелина, аъзои Комитети Марказии ИЛКҶ-и Тоҷикистон, вакили съезди XXIII комсомолии республика Мақсад Шодиева, зарбдори панҷсола Сангин Сангинов ифтихор менамуданд. Зеро бо ғайрату ҳиммати баланди ин гвардиячиёни саҳро ва ҳамкорони онҳо ҳар сол қариб 70 % пахтаи колхоз бо мошин ғундошта мешуд.

Колхозчиёну механизаторон дар бобати пеш бурдани корҳои агротехнологӣ ва рӯёнидани ҳосили фаровон кишти пахтаро мувофиқи қоидаҳои агротехникӣ ба анҷом мерасониданд.

Ин дилбохтагони замин дар чаҳор фасли сол серкору сертараддуд буданд. Онҳо заминро хушсифат шудгор мекунанд, чигитро мувофиқи тадбирҳои агротехникӣ мекоранд, баробари неш зада баромадани ниҳолҳо ба парвариши онҳо мепардозанд, баъди пухта расидани ҳосил ба ҷамъоварии он шурӯъ менамоянд.

Механизаторони ташаббускор ҳамчун мураббиҳои ғамхор маҳорату малака ва таҷрибаи худро ба механизаторони навкор, ба онҳое, ки нав омӯзишгоҳҳои касбию техникиро тамом карда, ба колхоз омадаанд, аз сидқи дил меомӯзониданд.

Дар натиҷа иҷроиши панҷсолаи шашум иҷро гардида, дар ҷумҳурӣ ширкати меҳнатии колхозчиён дар истеҳсолоти ҷамъиятии артелҳои хоҷагии кишоварзӣ хело афзуд.

Воқеан, дар як мудати кӯтоҳ мутахассисони мастчоҳӣ техникаи пешқадами онвақтаи хоҷагии кишоварзиро ҳаматарафа азбар намуда, қоидаҳои агротехникиро аз худ карданд ва дар пешрафти иқтисодиёти колхозҳо мусоидат намуданд. Бо мақсади пешбурди фаъолияти корӣ, дар минтақаҳои 1, 2, 3 аз ҳисоби тамомкунандагони мактабҳои колхоз барои афзун намудани шумораи механизаторон тадбирҳои муҳим андешида мешуд.

Ҳар сол бисёр ҷавонписарон аз ҳисоби маблағҳои колхоз барои хондан ба омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ ва техникумҳо фиристода мешуданд. Дар ин ҷабҳа ғайрату фаъолияти “саринжинерони колхоз Ҷумъа Норов, мудири устохонаи таъмирӣ Сангин Қозиев, механикҳо Шарифбек Самиев, Қобил Одинаев, Юлчӣ Тӯйчиев” [13, с. 24] хело назаррас буд.

Инчунин дар бригадаи Ҳоҷӣ Амиров низ барои парваришу коркарди агротехникии пахта ва ғунучини он бештар аз трактору комбайнҳои пахтачинӣ истифода намуда, пахтаи хушсифат истеҳсол менамуданд. Сардори бригада Ҳоҷӣ Амиров барои рӯёнидани ҳосили баланди пахта “соли 1965 аввалин шуда, аз диловарони Дилварзин бо унвони олӣ – Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ сазовор гардида, бо ордени Ленин ва медали Ситораи тиллоии “Дос ва болға” мукофотонида шуд” [14, с. 109].

Минбаъд барои дастовардҳои назаррас дар соҳаи пахтакорӣ ва механиконии истеҳсолу коркарди пахта ин фарди фидокор ва матинирода бо унвони “Механизатори хизматнишондода, Устоди пахтаи Тоҷикистон сазовор гардонида шуда, бо медали тилло ва ду медали нуқраи Намоишгоҳи Комёбиҳои Хоҷагии Халқи СССР” [14, с. 119] мукофотонида шудааст. Албатта барои ба чунин музаффарятҳо ноил гардидан дониш, маҳорат, матонат ва таҷрибаи калони корӣ лозим буд.

Дар ба даст овардани музаффариятҳои меҳнатии мастчоҳиён маслиҳату машварат ва кӯмаки аслии устодони пахтаи вилояти Ленинобод (имрӯза, Суғд) хело калон буд. Устодони аввалини мастчоҳиён дар соҳаи пахтакорӣ мутахассисон Раҳматҷон Азаматов, Ислом Акмалхоҷаев, Инъомҷон Қодиров, Тӯхтабой Исроилов, Аслон Махкамов, Абдуқодир Абдуллоев, Абдуҷаббор Сотиболдиев, Абдумаҷид Расулов, Мақсуд Ахмедов, Қурбон Собиров, Комил Тоҳиров, Юнус Исроилов, Тӯйчиев ба ҳисоб мерафтанд, ки онҳо дар ташкили соҳаи пахтакорӣ дар ноҳия саҳми арзандаи худро гузоштаанд.

Ҳамин тавр, дар зарфи солҳои 50-60-ум даҳҳо ҳазор деҳқонони камзамин аз Кӯҳистони Мастчоҳ ба ноҳияҳои пахтакори вилояти Ленинобод кӯчонида шуданд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки вазифаи дар пешгузоштаи панҷсолаи шашуми рушди хоҷагии халқи Иттиҳоди Шӯравӣ доир ба ривоҷ додани хоҷагии қишлоқ, алалхусус, соҳаи пахтакорӣ, беҳтар намудани вазъи зиндагии аҳолӣ, минҷумла, аҳолии деҳот комилан иҷро гардиданд, ки як гӯшаи онро мо дар мисоли ноҳияи Мастчоҳ мебинем.

Дар натиҷаи аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани якчанд чорабиниҳо оид ба коркарди заминҳои нав ва баланд бардоштани ҳаёти иқтисодиву мадании меҳнаткашони ноҳияҳои кӯҳӣ дар ҳаёти мардум дигаргунии назаррас ба вуҷуд омад. Ба ин ноҳияи баландкӯҳи Кӯҳистони Мастчоҳ мисол шуда метавонад.

Дар натиҷаи ба даштҳои Дилварзин муҳоҷир кардани деҳқонони меҳнаткаши ин ноҳия дар муддати начандон тӯлонӣ, бо ғайрату матонат ва кӯшишҳои онҳо заминҳои зиёди бекорхобида азхуд карда шуда, дар ҳаёти иқтисодӣ ва маданӣ-маишиашон дигаргуниҳои чашмрас ба вуқӯъ пайвастанд.

Ба душвориҳои маҳалли ҷуғрофӣ ва маданиву маишӣ нигоҳ накарда, онҳо баҳри минбаъд ривоҷу равнақи соҳаи кишоварзӣ ва пеш аз ҳама, соҳаи дар он вақт сердаромади пахтакорӣ саҳми арзандаи худро гузоштанд, ки ин аз нишонаҳои ифодагарии ҳисси ватанпарастии деҳқонони баландкӯҳ, ки ихтиёран кӯч мебастанд, гувоҳӣ медиҳад.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Абулҳаев Р. Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (1917-2000). – Душанбе, 2016. – 492с.*
2. *Абдулов К. Дар ин дунё.Ҷ. 12. – Душанбе: Адиб. – 2006. – 1207с.*
3. *Қурбонов О. Самараи меҳнати шуҷоатмандона. //Тоҷикистони Советӣ, 30 октябри соли 1957, №258 (8533).*
4. *БҲ ПТС ҲК Ҷумҳурии Тоҷикистон. ф.3, р.143, д.10, в.118.*
5. *Давлатов М. Номе, ки баланд буду баланд монд. – Душанбе, 2014. – 353с.*
6. *БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон. ф.р-1566, р.1, д.206, в.313*
7. *Об итогах выполнения пятилетнего развития СССР и Союзных республик на 1951-1955 гг. – М., Госполитиздат, 1956. – 311с.*
8. *Народное хозяйство Таджикской ССР //Статистический сборник, 1957. – 387с.*
9. *//Байроқи Ленинӣ, 5 марти соли 1958.*
10. *БҲ ПТС ҲК Ҷумҳурии Тоҷикистон. ф.5741, р.6, д.74, в.195.*
11. *Қурбонов А. Комёбиҳои меҳнаткашони Мастчоҳи нав. /Коммунисти Тоҷикистон, 1959, №11. – С.37-41.*
12. *Бойгонии шахсии собиқадори меҳнат Давлатбек Тутиев. Папкаи № 2.*

***13.****Абдулов Ҳ. Пахтаи Дилварзин. – Душанбе, Ирфон, 1983. – 40с.*
***14.****Алиев Ш.Б. Фидоиёни Ватан. – Хуҷанд, Ношир. – 2012. – 317с.*

***REFERENCES:***

***1.*** *Abulhaev R. The History of Migration in Tajikistan (1917-2000). – Dushanbe, 2016. – 492 p.*
***2.*** *Abdulov K. In This World. V. 12. – Dushanbe: Adib. – 2006. – 1207 p.*
***3.*** *Kurbonov O. The Effect of Brave Work. //Soviet Tajikistan, October 30, 1957, №258 (8533).*
***4.*** *PA IPRCP Republic of Tajikistan. ch.3, number.143, c.10, p.118.*
***5.*** *Davlatov M. The Name which was Prior and Still in Priority. – Dushanbe, 2014. – 353 p.*
***6.*** *CSA Republic of Tajikistanн. ch.n-1566, p.1, c.206, p.313*
***7.*** *About the Result of implementation of Five-Year Development of USSR and Soviet Republics in 1951-1955. – M., Gospolitizdat, 1956. – 311p.*
***8.*** *National Economy of SSRTajikistan //Art. collection, 1957. – 387 p.*
***9.*** *Bayraqi Leniny (Leninian Banner), March 5, 1958.*
***10.****PA IPRCP Republic of Tajikistan. ch.5741, n.6, c.74, p.195.*
***11.****Kurbonov A. Successes of Workers of new Mastchoh. / Komunisti Tojikiston, 1959, №11. – PP.37-41.*
***12.****Private Archives of Labour Veteran Davlatbek Tutiev. Case 2.*
***13.****Abdulov H. Dilvarzin's Cotton. – Dushanbe, Irfon, 1983. – 40 p.*
***14.****Aliev Sh.B. Fidoiyoni vatan (patriots). – Khujand, Noshir. – 2012. – 317 p.*